**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**профессор Усмонзода Аюб Ислом**
**_______________**
**«16» ___02___ 2024**

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи **Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович** таҳти унвони **«Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Диссертант Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович 15-уми ноябри соли 1971 дар шаҳри Конибодоми вилояти Ленинобод, РСС Тоҷикистон таваллуд шуда, соли 1988 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1993 бо ихтисоси «филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм кардааст. Фаъолияти кориаш дар мактаби миёнаи шаҳри Исфара оғоз ва аз соли 1999 то имрӯз дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба сифати муаллим, сармуаллим, дотсенти кафедраҳои журналистика ва назарияи тарҷума, адабиёти муосири тоҷик ба таълиму тарбия ва таҳқиқ машғул шудааст. Чун унвонҷӯйи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума соли 2002 рисолаи номзадӣ ба дифоъ расонидааст. Солҳои 2010-2012 давраи докторантурароро дар назди донишгоҳ гузаштааст. Сипас дар вазифаҳои муовини декани факултети филологияи тоҷик оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҷонишини директори Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ, мудири шуъбаи илм, сардори раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият дошт. Ҳоло ба сифати дотсенти кафедраи адабиёти муосири тоҷик ва ходими калони илмии Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии назди донишгоҳ кор мекунад.

Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Оиладор, соҳиби чаҳор фарзанд аст.

**Мушовири илмӣ** – профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои филологӣ Мирзоюнус Матлуба мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба яке аз давраҳои адабиёт ва нақди адабии форсии тоҷикии охири садаи XIX – нимаи аввали XX бахшида шуда, он дар Шурои олимони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 26-уми январи соли 2010 бо қарори №6 ба тасдиқ расидааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин хулосаҳо бароварда шуданд:**

Диссертатсия чун таҳқиқи анҷомёфта арзишҳои назариву амалӣ дорад ва аз навгонии илмӣ бархурдор аст. Аҳаммияти мавзуъ дар он аст, ки раванди нақду сухансанҷии форсии тоҷикӣ, махсусан дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бозгӯ шудааст. Бо хусусиятҳои ин давраи афкори адабӣ аз осори маорифпарварону ҷадидон ошно мешавем. Афкори адабӣ дар ин давра дар қолабҳои назму наср, дар тазкираҳо, таърихномаҳо ва жанрҳои махсуси матбуотӣ баён шудаанд. Бо падид омадани матбуоти миллии форсии тоҷикӣ дар қаламрави Бухоро дар равиши баррасии осори сухан ва суханварӣ, усули маърифат ва оҳанги баён бо корбурди жанрҳои нақди адабӣ қадами нав ба миён гузошта шуд. Дар нуфуз ёфтани нақди ин замона маорифпарвар Аҳмад-махдуми Дониш, адибон ва муҳаққиқони насли ҷадид – Абдурраумфи Фитрат, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ, муаллифони силсилаи тазкираҳо, таърихномаву рӯзномаҳо – Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Мирзо Салимбеки Инок, ходимони чанде аз нашрияҳои навтаъсиси форсии тоҷикӣ – «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд» ва ғайра нақш доранд.

**Асосҳои назарии рисолаи диссертатсионӣ** ба дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ В. Жирмунский, Ю. Б. Борев, Б. А. Бурсов, А. Зарринкӯб, С. Шамисо, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров (Шакурӣ), Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, Ҷ. Бобокалонова, В. Самад, М. Раҷабӣ, А. Набиев (Набавӣ), Х. Асозода, А. Маҳмадаминов, Ҷ. Ҳамроев, А. Кучарзода, П. Гулмуродзода, А. Худойдодов, М. Мирзоюнус ва дигарон такя мекунад.

Дар рисола бори нахуст таҳқиқи заминаҳои шакл гирифтани нақди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар маҷмуи умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ сурат ёфтааст.

Моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи X1X ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба сарчашмаҳои давра равшан шудааст.

**Навгонии илмӣ.** Яке аз дастовардҳои асосӣ дар диссертатсия бозгӯи ҷомеъи таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои адабиву интиқодии ибтидои садаи X1X-ибтидои садаи XX мебошад.

Афзун бар ин аввалин маротиба вежагиҳои ду давраи муҳимми афкори адабӣ ва сухансанҷии нави тоҷик – марҳалаи то инқилобӣ ва баъди инқилоб дар пайвастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аввалин кӯшиши арзёбии ҷамъи тазкираҳо ва нақши онҳо дар шаклгирии нақди нави тоҷикӣ мебошад, ки меъёрҳои қазовати суханро дар ин гуна асарҳо бозгӯӣ мекунад.

Дар диссертатсия аввалин маротиба ба ҷойгоҳи дидгоҳҳои наққодӣ дар маҳфилҳои адабӣ сухан рафта ва он чун идомаи анъанаҳои мақбули нақди адабӣ дар гузашта гуфтугӯ шудааст.

Яке аз навгониҳои дигари таҳқиқ бозгӯи вежагиҳои нақд дар мисоли кӯшишҳои офаридани китобҳо оид ба таърихи адабиёт дар давраи нав зоҳир мешавад. Ба ин муносибат дар рисола нахустин маротиба ба ҷойгоҳи аввалин таърихномаи адабиёти давраи нав – «Очерки адабиёти советии тоҷик» баҳо дода шуда, он чун кӯшиши аввалини адабиётшиносону ноқидон дар заминаи офаридани китобҳо оид ба таърихи адабиёт баррасӣ ёфтааст.

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадафи асосии диссертатсия пажуҳиши масъалаҳои таърих, зуҳурот ва бархе аз назарияҳои нақди адабии охири садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ дар заминаи омӯзиши васеъи таълифоти адабӣ, илмӣ, таърихӣ ва матбуотии аҳди маорифпарвариву ҷадидӣ ва ҳамзамон беш аз сӣ соли давраи шуравӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Бо назардошти вусъати таърихиву назарии мавзуъ, ки дар адабиётшиносии кунунии тоҷик аввалин маротиба бо ин мақсади меҳварӣ ва вуруд ба умқи манобеъ ба таҳқиқ мерасад, кӯшиши ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зерин сурат гирифтааст:

– муайян кардани заминаҳои аслии шаклгирии нақди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ;

– равшан кардани моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ;

– бозшиносӣ ва муаммои нашри сарчашмаҳои адабиву интиқодии ибтидои садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ;

– таъйини марҳалаҳои афкори сухансанҷии нави тоҷик;

– арзёбӣ ва шинохти меъёрҳои сухан дар тазкираҳо;

– таъйини ҷойгоҳи маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақд;

– арзёбии нақди адабӣ дар оинаи матбуоти тоҷик;

– таҳқиқи вежагиҳои нақд дар китобҳои таърихи адабиёт дар аҳди нав;

– арзёбии мақоми шоирони тоҷик аз назари нақд;

– арзёбии ҷойгоҳи намояндагони нақди адабӣ дар таърихи адабиёт ва нақди адабии он.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Нақди адабии охири садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ идомадиҳандаи анъана ва суннатҳои сухансанҷии форсии тоҷикӣ мебошад. Афкори адабиву интиқодии маорифпарвар Аҳмади Дониш ва дигар сухансанҷон ба афкори интиқодии гузашта такя дорад ва бо афкори онҳо падидаи нақди иҷтимоӣ дар ин марҳалаи ҷусторҳо ба вуҷуд омад. Таълимоти Аҳмади Дониш дар мавриди адабиёт, шеър ва ҷанбаи ҳикамии он ба омӯзаҳои таърихӣ ва мазҳабӣ такя

дошта, дидгоҳи ӯ дар заминаи моҳияти иҷтимоиву мазҳабии адабиёт баён шудаанд.

2. Фарогирии масъалаҳои таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ аз роҳи нашр, таҳқиқ ва нақду баррасии манбаъҳои дарҷаи аввал, хоса шинохти мақоми тазкираҳо дар таърихи адабиёти давра, таъйини арзишҳои адабиву таърихӣ, вежагиҳои замону макон, шароити таълифу тадвин, нақши ин навъ осор дар бознамоии ташаккули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз муҳимтарин дастовардҳои адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад.

3. Вежагиҳои адабиёт ва нақди адабии ҳар давраро ҷузъ-ҷузъ ва ба таври ҷудогона баррасӣ кардан зарур ва муҳим аст. Зеро дар фаҳмиши моҳият ва ё лоақал ба воқеият наздики он рӯйдодҳо як консепсияи муайян ва мушаххасе вуҷуд надорад. Табиист, ки дар ин ҷода назарҳо гуногун аст, гарчанде роҳи гуногуни назарҳо моро ба шинохти ҳақиқати моҳияти он рӯйдодҳо мебарад. Коркарди консепсияи фаҳмиши нав ва баҳогузорӣ ба адабиёт аз вазифаҳои аввалиндараҷаи аҳли таҳқиқ дар шароити имрӯз аст. Дар сурати фаро гирифтани паҳлуҳои гуногуни масъала ва баррасии ҳамаҷонибаи сайри таҳаввули нақд имкон ба даст меояд, ки таърихи ҷомеъи адабиёти замони нав, адабиётшиносӣ ва нақди адабии муосир ба вуҷуд ояд. Ин кори муҳимми дастҷамъист. Алҳол таърихе мукаммал ба миён наомада, танҳо кӯшишҳо дар ин замина ба харҷ рафтааст. Ба ин сабаб дар китобҳои таърихи адабиёти нав дар баҳодиҳӣ ба адабиёт ва муайян кардани нақши адибон дар пешрафти адабиёт ноҳамгунӣ ва ихтилофи назар ҷой доранд.

4. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин замина таваҷҷуҳи ноқидон ба зуҳурот ва рӯйдодҳои кишварҳои дигар, аз ҷумла ба равнақи илму маориф ва адабу фарҳанги кишварҳои шарқӣ дар ибтидои садаи ХХ мебошад, ки дар маъхазҳо нақш ёфта ва диққати аҳли таҳқиқро ба худ мекашад. Аз силсилаи асарҳои таърихӣ, адабӣ, публитсистӣ, сафарномаҳо, тазкираҳо, мақола ва навъҳои дигари осори матбуотӣ, номаҳо, бархе аз аснод ва ғайра метавон дарёфт, ки ноқидон ҳамеша ва дар ҳар мавриди созгор ба навсозии шуур ва тафаккури насли нави тоҷик бо дарки аслу моҳияти рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии кишварҳои дигар рӯ оварда, ҳар моводи муфидро дар банду басти тафаккури илмиву эҷоди адабии худ ва насли замон ба кор гирифтаанд. Аз ҷумла, барои С. Айнӣ ва дигар равшангарони замон яке аз роҳу василаҳои расидан ба рушди адабиёт, матбуот ва мактабу маориф намунаи шарқии рушди ин ақливу зеҳнӣ будааст. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1918), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва дигар осори дигари илмиву таърихӣ, адабӣ, мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ ва номаҳои С. Айнӣ таърихи муборизаҳои равшангарон дар роҳи расидан ба инқилоби фикрӣ дар Бухоро аст, ки асоси он бо бунёди мактаби усули савтия ва зуҳури матбуоти миллӣ дар ин қаламрав иртиботи амиқ дорад.

5. Дар асарҳои интиқодии ибтидои садаи ХХ масъалаҳои адабиёт якҷо бо муаммоҳои иҷтимоӣ баррасиву нақд шудаанд. Дар нимаи аввали садаи ХХ то ҳадде дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт,

накди адабӣ, афкори шеършиносӣ, фолклор, тарҷума ва равобити адабӣ корҳои ҷолиб падид омадаанд. Яке аз нуктаҳои аслии афкори адабии тоҷик дар нимаи аввали садаи XX бозгӯи саҳми тоҷикон ба мероси адабии гузашта аст. Аҳли илму адаб бо такя ба таҷрибаи нави баррасӣ вабаҳрамандӣ аз шеваҳои гуногун дар дастрасӣ ба мероси адабии гузашта қадами расо ва мушаххас гузоштанд.

6. Тазкирашиносӣ – таҳқиқи тазкираҳо ва ҷойгоҳи онҳо дар сайри таҳаввули адабиёти форсӣ, хоса таваҷҷуҳи ҷудогона ба равишҳои наққодӣ перомуни тароҷими аҳволи шоирон моро ба дарки чандин нуктаҳо водор мекунад. Ин навъ асарҳо дар шинохти поя, муҳтаво, усул, равиш, сабки бозҷустҳои накд дар қаламравҳои забону адабиёти форсии тоҷикӣ ба сифати маъхази муҳим ва фарогири асноди дасти аввал нуфуз пайдо карда, онҳо василаи ривоҷи афкори сухансанҷӣ гаштаанд. Равишҳои наққодӣ перомуни тазкираҳо мавзуи мумтозу мушаххас аст. Ин нукта низ ҳаст, ки то ҳол ахбор ва асноди тазкираҳо сабаби ихтилофи зиёд дар таҳқиқи таҳаввули таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва шинохти ҷойгоҳи шеъру шоирӣ дар миёни милали форсизабон дониста ва ё пиндошта шудаанд. Аммо таҳқиқи тазкираҳо собит мекунанд, ки онҳо на манбаи дасти ду, балки дар бештар маврид ба сифати манбаи асл барои таърихи адабиёт ба хидмат меоянд.

7. Аз байни тазкираҳои форсии тоҷикии ин аҳд муаллифи диссертатсия аввалин маротиба таваҷҷуҳи аҳли таҳқикро ба муҳтавои «Намунаи адабиёти Эрон» ном асари донишманди озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ ҷалб кардааст, ки он аз рӯйи дастури таърихӣ ва силсилаи хонаводагии ҳокимиятҳо тарҳрезӣ шуда ва пешвои маънавии адабиёт ва фарҳанги нави тоҷикӣ Садриддин Айнӣ борҳо ба он рӯи ниёз оварда, диққати аҳли таҳқиқи тоҷикро ба нигоришу андешаи ин мусаннниф бурда, чашму завқи адабшиносиву адабпарварии ононро бедору борвар карданӣ шудааст. Саҳифаҳои гуногуни китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ин нуктаро ба исбот мерасонад.

Аз гузориши қиёсии кӯтоҳи ин ду асар, хоса рӯйкард ба асли матни китоби С. Айнӣ равшан мешавад, ки тазкираи Мирзо Муҳсин пурсамар истифода шуда, мутолиагари ҷиддиназар аз асли матни «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин дармеёбад, ки мусанниф аз ин манбаи арзишманд ба таври муфид ва муносиб маъниву матлаб бардошта ва арзиши аслии онро ба хонандаи Фарорӯд хуб расонида будааст. Ба ин маънӣ, аввалин асаре, ки моро бо чигунагии маҳсули олими ғайритоҷик оид ба адабиёти тоҷикони замони нав ошно месозад, ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад.

8. Охири садаи Х1Х ва ибтидои садаи XX давраи маъмул шудани шинохти асарҳои адабӣ ба василаи тазкираҳо, осори матбуот ва осори адбиву таърихӣ мебошад. Дар давраи шуравӣ (солҳои 20-50-уми садаи XX) баҳсҳои таърихӣ, назарӣ, пайвандҷӯиву пайвандсозии фарҳанги навини шуравӣ махсуси афкори олимони замон аст, ки ба пажӯҳиши масъалаҳои таърихиву назарии адабиёт, аз ҷумла рӯзгору мерос ва афкори адибони гузаштаи форсу

тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра заминаи муносиб фароҳам овард. Силсилаи таълифоти илмӣ аз хусуси шоири маъруфи тоҷикон Камоли Хуҷандӣ маҳз дар ин давра падид омадаанд.

Муҳтаво, афкор ва андешаи илмӣ дар ин осор ба шаклбандии тафаккури як давраи дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа хидмат кардаанд. Аз ин рӯ, дарки вежагиҳо, арзишу аҳаммият, усул ва сабки ин осор моҳиятан ба равшан кардани саҳифаҳои ҷолиби таърихи афкори адабии тоҷик низ равшан созгор хоҳад буд.

9. Баррасии заминаҳои мафкуравӣ ва таърихии рӯйкарди ноқидон ва адабиётшиносони тоҷик дар ин давра ба адабиёти гузашта ва ба миён омадани пажӯҳишҳо дар ин самт аз назари имрӯз – давраи нави худшиносии милливу таърихӣ ибратомӯз аст. Ин амр моро ба дарки ҳарҷонибаи моҳияти афкори адабӣ ва адабиётшиносии шуравӣ, муносибат ба баҳрамандии замон аз адабиёти гузашта дар марҳалаҳои нахустини шаклгирии он наздик мебарад. Баҳсу баррасӣ перомуни мероси адабии гузаштаи форсӣ-тоҷикӣ ва радду бадали мансубияти адабиёти форсӣ танҳо ба тоҷикони Осиёи Миёна ё эрониёни хориҷ аз он дар кишвари шуравӣ бо пажӯҳиши рӯзгор ва осори намояндагони адабиёти мо сахт гиреҳ меҳӯрад, ки таваҷҷуҳ ба он аз арзишу аҳаммияти хос бархурдор аст.

**Дар маҷмуъ**, диссертатсияи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» ба ихтисоси 10.01.00 – Аадабиётшинсӣ (10.01.08 –Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 2 рисола, 1 маҷмуаи мақолаҳо, 79 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақола дар нашрияҳои илмии КОА-и Вазорати илм ва маълумоти олии ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст:

1. Диди интиқодӣ ба асноди тазкираҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ибтидои садаи бист: Нақди Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба як шеъри Рӯдакӣ [матн] / С. Аъзамзод // Номаи Донишгоҳ: илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2010. – № 4 (24). –С. 3-16. – 0,8 ҷ. ч.

2. Чанд саҳифае аз таърихи нақди адабӣ (Мирзо Турсунзода ва марҳалаи сталинии муносибат ба мероси адабӣ) [матн] / С. Аъзамзод // Номаи Донишгоҳ: илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2011. – № 4 (28). – С. 3-21. – 1,2 ҷ. ч.

3. Вазъи таҳқиқ ва нашри тазкираҳои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр [матн] / С. Аъзамов // Номаи Донишгоҳ: илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2014. – № 1 (38). – С. 29-41. – 0,8 ҷ. ч.

4. Матбуотшиносӣ ва «нақди матбуотӣ»: Асосҳои иҷтимоии масъалаҳои матбуот дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» [матн] / С. Аъзамов, М. Саидхоҷаева // Номаи Донишгоҳ : серияи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2017. – № 2 (51). – С. 115-122. – 1 ҷ. ч.

5. Садриддин Айнӣ ва нақди матбуоти туркӣ дар ибтидои асри бист [матн] / С. Аъзамзод // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: илмҳои педагогӣ,

забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, илмҳои таърих ва археология. – 2017. – № 3 (70). – С. 141-147. – 0,7 ҷ. ч.

6. Нигоҳе ба нахустин таърихномаи адабиёти тоҷикии садаи бист [матн] / С. Аъзамов // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. – 2018. – № 3 (56). – С. 60-67. – 0,81 ҷ. ч.

7. Абулқосим Фирдавсӣ аз назари Абулқосим Лоҳутӣ [матн] / С. Аъзамзод // Суханшиносӣ: Маҷаллаи илмии АИ ҶТ, ИЗА ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2018. – № 1. – С. 65-80. – 1,5 ҷ. ч.

8. Ҷустуҷӯҳои филологии Тӯрақул Зеҳнӣ (нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи бист) [матн] / С. Аъзамов // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. – 2019. – № 3 (60). – С. 77-83. – 0,9 ҷ. ч.

9. Тӯрақул Зеҳнӣ ва нақди забони матбуоти тоҷик (солҳои 20-30-юми асри XX) [матн] / С. Аъзамов // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. – 2019. – № 4 (61). – С. 67-73. – 0,7 ҷ. ч.

10. Нақди шеър дар баҳси ду шоир [матн] / С. Аъзамов, Б. Раҷабов // Ахбори ДДҲБСТ: Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2020. – № 2 (83). – С. 44-55. – 1,2 ҷ. ч.

11. Саҳми Иосиф Самуилович Брагинский дар таҳқиқи осори Камоли Хуҷандӣ [матн] / *М. Мирзоюнус, С. Б. Аъзамов* // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. – 2020. – № 3 (64). – С. 70-77. – 1 ҷ. ч.

12. Чашмандозе ба назария ва равишҳои марҳалабандии адабиёти тоҷик дар замони нав [матн] / *М. Мирзоюнус, С. Б. Аъзамов* // Номаи Донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ. – 2022. – № 1(70). – С. 44-52. – 1,1 ҷ. ч.

13. Дар атрофи нашри як китоби арзишманд дар заминаи нақди адабӣ [матн] / *С. Б. Аъзамов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: серияи илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (70). – С. 173-179. – 0,81 ҷ. ч.

14. Маҳфилҳои адабӣ ва нақди шеър [матн] / С. Б. Аъзамов // Ахбори ДДҲБСТ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2023. – № 3 (26). – С. 61-70. – 1,12 ҷ. ч.

15. Садриддин Айнӣ ва зарфиятҳои камолшиносӣ [матн] / С. Аъзамов // Номаи Донишгоҳ : серияи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2023. – №3 (76). – С. 215-220. – 0,62 ҷ. ч.

16. Тӯрақул Зеҳнӣ – муҳаққиқи шеъри Рӯдакӣ [матн] / С. Б. Аъзамов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, илмҳои таърих. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 191-194.

Мазмуни диссертатсия ҳамчунин дар шакли суханронӣ дар беш аз 40 ҳамоиши илмии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои умдаи адабиётшиносӣ дар кишварҳои Тоҷикистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Эрон, конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ (солҳои 2006-2022-ум) баён шуда, дар маҷмуаҳои илмии конфронсҳо ба нашр расидаанд.

Кафедраи адабиёти муосири тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷоновичро кори анҷомёфтаи илмӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмиву таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти муосири тоҷик ва бо иштироки устодони кафедраҳои дахлдори МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 4 доктори илмҳои филологӣ, профессорон Замира Ӯлмасова, Матлубаи Мирзоюнус, Неъматҷон Файзуллоев, Нуралӣ Нуров, 17 номзади илмҳои филологӣ, дотсентон Баҳром Мирсаидов, Мутриба Мавлонова, Зеварой Бобоева, Мавҷуда Ӯрунова, Каримбой Комилов, Шарифҷон Тоҷибоев, Тоҷибой Султонзода, Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев, Салоҳиддин Ӯзбеков, Муҳаббат Тиллохоҷаева, Шуҳратҷон Раҳматов, Умеда Абдурашидова, Садриддин Мирзоев, Зоҳид Қӯрғонов, Боҳир Раҷабов, Сорбон Азизов, Инобат Қосимова ва 2 сармуаллима Малика Саидхоҷаева, Мутриба Бобоҷонова иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи № 7-ум аз 15-уми феврали соли 2024

**Раисикунанда,**
**мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики**
**МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мавлонова М. Ҷ.**


**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1
тел.: (+992) 92 725 30 00
E-mail: mutriba_mavlonova@mail.ru


**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи**
**адабиёти муосири тоҷики МДТ «ДДХ**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**номзади илмҳои филологӣ** **Муродова М. Ҷ.**

«Имзоҳои Мавлонова М. Ҷ. ва Муродова М. Ҷ.-ро тасдиқ мекунам»:
**Сардори раёсати кадр ва корҳои**
**махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврузов Э. М.**


**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru


**«15» феврали соли 2024**